# ТАҚРИЗ

ба автореферати диссертатсияи Шодиматова Малика Каримбердиевна дар мавзуи «Хусусиятҳои луғавӣ-маъноӣ ва сохтории истилоҳоти тиббӣ дар забони матбуоти тоҷик (солҳои 2003-2023)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ пешниҳод гардидааст.

Диссертатсияи Шодиматова Малика Каримбердиевна бо номи «**Хусусиятҳои луғавӣ - маъноӣ ва сохтории истилоҳоти тиббӣ дар забони матбуоти тоҷик»** (солҳои 2003-2023) ба яке аз масъалаҳои мубрами илми забоншиносӣ, яъне омӯзишу пажуҳиши хусусиятҳои луғавӣ-маъноӣ ва сохтории истилоҳоти тиббӣ дар забони матбуоти тоҷик бахшида шудааст.

Ҳамзамон бо пешрафти ҷомеа ва ҷаҳонишавии фарҳангу тамаддунҳо дар илми забоншиносӣ низ масъалаҳои нав пайдо мешаванд ва як бахши муҳимми ин соҳаро истилоҳот ташкил медиҳад. Истилоҳоти тиббӣ дар забони тоҷикӣ мавқеи муайянро соҳиб буда, як қисми асосии вожагони забони тоҷикӣ ба ҳисоб рафта, истифодаи онҳо дар ҳар давру замон хусусиятҳои хоссаро доро мебошанд. Аслан, аксари ин воҳидҳои луғавӣ моли забони тоҷикӣ буда, решаашон ба давраҳои аввали рушди забони форсӣ тоҷикӣ рафта мерасанд. Гарчанде то айни замон дар гуфтори мардуми тоҷик иддае аз истилоҳоти тиббӣ ба ҳамон шаклу маъно ҳифз шуда бошанд ҳам, аммо як қисми дигарашон бо мурури замон ҷойи худро ба калимаву истилоҳоти иқтибосии бегонаву гӯшхарош додаанд, ки ин ташвишовар аст.

Истилоҳоти тиббӣ дар матбуоти тоҷик, ки оинаи инъикосгари забони муосири тоҷикӣ мебошад, хеле зиёд дар истеъмоланд. Муайян намудани хусусиятҳои луғавӣ - маъноӣ ва сохтории истилоҳоти тиббӣ дар забони матбуоти тоҷик аз ҷониби муҳаққиқон машаққати зиёдеро талаб менамояд Гарчанде омӯзишу пажуҳиши воҳидҳои ифодакунандаи мафҳумҳои тиббӣ аз ҷониби муҳаққиқон ба назар расанд ҳам, аммо он таҳқиқҳо омӯзиши ҷанбаҳои ҳаматарафаи мавзуи мазкурро фаро гирифта наметавонанд. Таҳқиқи хусусиятҳои луғавӣ - маъноӣ ва сохтории истилоҳоти тиббӣ дар забони матбуоти тоҷик то андозае аз назари муҳаққиқон дур мондааст, аз ин лиҳоз пажуҳиши мавзуи мазкур дар айни замон актуалӣ мебошад.

**Муқаддимаи** автореферати диссертатсияи Шодиматова М.К. тибқи талаботи навишти корҳои илмӣ таҳия гардидааст. Мақсаду вазифаҳо ва навоварии таҳқиқ, арзиши назарию амалӣ, методу усулҳои таҳқиқ муайян гардида, масоиле, ки ба ҳимоя пешниҳод мешавад, нишон дода шудааст.

Боби **якуми** диссертатсияи тақризшаванда, «**Таснифоти луғавӣ-маъноии истилоҳоти тиббӣ дар забони матбуот»** номгузорӣ шуда, аз ҳашт

фасл иборат аст. Дар ин боб диссертант бо як маҳорату малакаи хосса ин гурӯҳи истилоҳотро дастабандӣ намуда, роҷеъ ба ҳар як намуди онҳо маълумоти муфассал оварда тавонистааст. Дар фасли панҷуми боби мазкур истилоҳоти ифодакунандаи номи доруворихо, бо таҳлилҳо собит намудааст, ки ин навъи калимаву истилоҳот дар осори пурғановати ниёгонамон хеле зиёд истеъмол шудаанд. Диссертант бо факту́ далелҳо исбот кардааст, ки аксари ин гурӯҳи вожаҳо тоҷикӣ буда, дар луғатҳои пешин низ ба мушоҳида мерасанд.

**Боби дуюми** диссертатсияи мазкур **«Хусусиятҳои этимологии истилоҳоти тиббӣ»** унвон дошта, аз се фасл иборат аст. Дар ин боб рисоланавис ба баррасии баромади истилоҳоти тиббӣ таваҷҷуҳ карда, ошкор намудааст, ки бо омилҳои гуногун аз забони арабӣ низ калимаву истилоҳоти зиёди ифодакунандаи мафҳумҳои тиббӣ ба забони мо ворид гаштаанд.

**Боби сеюми** кори диссертатсионии М.К. Шодиматова таҳти унвони **«Хусусиятҳои сохтории истилоҳоти тиббӣ дар забони матбуот»,** аз шаш фасл иборат буда, ба таснифи ин гурӯҳи истилоҳот аз рӯйи сохтор бахшида шудааст. Рисоланавис дар ин боб бештар диққати худро ба истилоҳоти сода, сохта, мураккаб, ибора-истилоҳот равона сохтааст. Теъдоди зиёди ибора – истилоҳотро оварда омилҳои пайдоиши иддае аз онҳоро нишон додааст.

Натиҷаҳои асосии таҳқиқ дар 11 банд хулоса шудаанд. Муҳтавои асосии диссертатсия низ дар 11 мақола, аз ҷумла, 3 мақолае, ки дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба нашр расонидааст, инъикос ёфтааст.

Дар фишурдаи диссертатсия баъзе камбудиҳо ҷой доранд, ки таъкиди онҳоро бамаврид мешуморем:

1. Хуб мешуд агар муҳаққиқ дар муқаддимаи диссертатсия ба дараҷаи омӯзиши мавзуъ диққати хосса дода, бештар номи муҳаққиқони тоҷикеро, ки бевосита таҳқиқоти хешро дар ин самт анҷом додаанд, меовард. Аз мадди назари муҳаққиқ номи муҳаққиқон Ш.Исмоилов, Н.Гадоев, Р. Сангинова ва Г. Абдуллоева, ки истилоҳоти тиббиро дар доираи лаҳҷаву шеваҳои муайян таҳлил намуда, хусусиятҳои фарқкунандаи онҳоро аз забони адабӣ нишон доданд дур мондааст.

2. Ҳарчанд номи диссертатсия «Хусусиятҳои луғавӣ - маъноӣ ва сохтории истилоҳоти тиббӣ дар забони матбуоти тоҷик» (солҳои 2003-2023) аст, аммо дар дохили кор ба нишон додани замон на чандон диққат дода шудааст. Хуб мешуд, агар муҳақиқ ин гурӯҳи истилоҳотро давра ба давра бо нишон додани сол тақсимбандӣ менамуд, дар он вақт кор бо номаш мувофиқат мекард.

3. Дар фишурдаи диссертатсия дар саҳифаҳои 10, 15, 17, 22 ғалатҳои техникиву имлоӣ ба назар расид.

Бо вуҷуди ин, ғалатҳои зикршуда сифати корро коста намегардонад, зеро довталаби дараҷаи илмӣ аз иҷрои мақсаду вазифаҳои дар кори таҳқиқии худ гузоштааш баромадааст.

Ҳамин тариқ, диссертатсияи Шодиматова Малика Каримбердиевна дар мавзуи «Хусусиятҳои луғавӣ - маъноӣ ва сохтории истилоҳоти тиббӣ дар забони матбуоти тоҷик (солҳои 2003-2023)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ пажуҳиши илмии бaанҷомрасида буда, ба талаботи «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 30.06.2021, №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад ва барои дифоъ тавсия мешавад.


**Муқарриз**
доктори илмҳои филологӣ,
мудири кафедраи забони
тоҷикии Донишгоҳи
байналмилалии забонҳои
хориҷии Тоҷикистон ба
номи Сотим Улуғзода Абдуллоева Г.З

Нишонӣ: 734041, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, маҳаллаи Испечак 1-М,
хонаи 2, ҳуҷраи 3
Тел.: (+992) 907- 88-09-70
E-mail:dusanbedusanbe68@gmail.com


Имзои Абдуллоева Гулрухсор Зиёдуллоевнаро-ро тасдиқ мекунам:

Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои
махсуси ДБЗХТ
ба номи Сотим Улуғзода Юсупова Б.Ғ.

РАЁСАТИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС — ДОНИШГОҲИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ЗАБОНҲОИ ХОРИҶИИ ТОҶИКИСТОН БА НОМИ СОТИМ УЛУҒЗОДА

Нишонии муассиса:
734019, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, кӯчаи Муҳаммадиев, 17/6
Тел:+2325029
Т-mail: ddzt@ddzt.tj
«_3_»_сентябри_соли 2025